**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-100 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 4 апрели соли 2026, №4 барои сазовор донистани Барнои Файзи Тағоймуродзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ аз 13 январи соли 2026 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5), ки тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 таҳти №353/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 31 январи соли 2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ Барнои Файзи Тағоймуродзода 20 марти соли 1990 таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2016 дар вазифаи эксперти қарзии СПО-и сектори хизматрасонии молиявии бизнеси миёна, хурд ва хурдтарини шуъбаи бонкдории корпоративии филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Бохтар фаъолият намудааст. Дар солҳои 2016-2020 дар ҳамин муассиса ба ҳайси муҳосиби бахши баҳисобгирии амалиётӣ фаъолият кардааст.

Аз соли 2021 фаъолияти меҳнатии худро дар соҳаи таҳсилоти олӣ оғоз намуда, ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият бурда, аз моҳи сентябри соли 2023 то айни замон дар вазифаи омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳи номбурда фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30-юми ноябри соли 2021, бо қарори №4 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

- **Давлатов Алиҷон Азизбекович** - доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз ҷониби коршинос, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, д.и.и., профессор Кошонова Манзура Раҳматҷоновна таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардидааст (протоколи №8 аз 05.03.2026с.). Тақриз бо имзо ва муҳри ректори ДДМИТ, н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи “Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бааҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин, аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ буда, дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ мебошад, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, дар он масъалаҳои муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтаанд ва муаллифи он Барнои Файзи Тағоймуродзода сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад, ки инҳоянд:

**а) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Контроллинг ҳамчун воситаи баландбардории самаранокии идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - №9. - С. 107-115. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Муқаррарсозии ҳадафҳо ва контроллинг дар сохтори идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои

гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар. - 2022. – 1/3 (101). -С. 278-286. ISSN 2663-5534.

[3-М] Тағоймуродзода, Б.Ф. Доираи вазифаҳо, салоҳияти контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар - 2023. - 1/3 (113). - С. 351-358. ISSN 2663-5534.

[4-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Идоракунии хавфҳои бонкӣ тавассути воситаҳои контроллинг [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2024. - №9. – С. 5-12. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Системаи баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар. – 2024. - 1/2 (122). – С. 466-474. ISSN 2663-5534.

[6-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Таҳлили раванди рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Фуруғи илм. – Душанбе. - 2025. - С. 446-451.

**б) Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо**

[7-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Моҳият ва аҳаммияти системаи контроллинг (контроллинг) дар рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 92-98.

[8-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Контроллинг – ҳамчун омили рушди соҳибкории молиявӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (25 ноябри соли 2022). – Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2022. – С. 421-424.

[9-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Контроллинг – омили рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (Душанбе, 10 - феврали соли 2023). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – С. 395-400.

[10-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Такмили менеҷменти ташкилотҳои ватанӣ дар шароити муосири рушди саноат [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 17 феврали соли 2023). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – С. 313-317.

[11-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Асосҳои назорат ва баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи

конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами низоми молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (3 майи соли 2023). – Хуҷанд: Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 2023. – С. 124-130.

[12-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ - тамоюли асосии бозори бонкии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (19-20.12.2023, шаҳри Кӯлоб). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. – С. 97-101.

[13-М]. Тағоймуродзода, Б.Ф. Мукаммалгардонии методҳои назорат (контроллинг)-и бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди рақамикунонӣ ва инноватсия [Матн] / Б.Ф. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳнамои стратегии рушди иқтисоди миллӣ: навовариҳо, савдо ва рақамикунонӣ» (30 сентябр – 1 октябри соли 2025). – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - С. 276-289.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст. Ҷанбаҳои муҳимми мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда шудааст.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Аз ҷониби Зияев Б. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДДОТ ба номи С. Айнӣ, бо чунин эродҳо:**

- Дар баъзе мавридҳо баҳодиҳии миқдории самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда пурратар инъикос мегардид.
- Дар баъзе бахшҳои автореферат истифодаи манбаъҳо маҳдуд ба назар мерасад ва такмили онҳо бо манбаъҳои замонавӣ ва актуалӣ метавонад таҳқиқотро бо тасвири пурраи равандҳои илмӣ таъмин намояд.

**2. Аз номи Раҷабова И.Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:**

- Беҳтар мебуд, агар дар автореферат асосноккунии интихоби нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI) ва робитаи онҳо бо ҳадафҳои стратегии бонк мухтасартар ва равшантар инъикос мегардид, ки ин мантиқ ва пайдарпайии методологии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшид.
- Тавсия дода мешавад, ки сохтори ташкилии воҳиди контроллинг ва ҷойгоҳи он дар низоми идоракунии бонк дар шакли схема ё модел пешниҳод карда шавад, ки ин ба дарки беҳтари натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат менамояд.

**3. Аз номи Раҳматов Б.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эродҳо:**

• Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар автореферат баъзе ҷанбаҳои муқоисавии таҷрибаи байналмилалии ташкили системаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ боз ҳам муфассалтар баррасӣ мегардиданд, ки ин метавонад асоснокии пешниҳодҳои илмиро боз ҳам таҳким бахшад.

• Инчунин, дар баъзе қисматҳои автореферат тавзеҳи иловагии самаранокии иқтисодии татбиқи механизмҳои пешниҳодшудаи контроллинг метавонад арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам равшантар намояд.

**4. Аз ҷониби Қодирова Г.Т. - д.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикист, бо чунин эродҳо:**

• Аввалан, дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба ҷорӣ намудани низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи муқоисавии кишварҳои дорои низоми пешрафтаи бонкӣ васеътар истифода карда шавад.

• Сониян, баъзе ҷанбаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои муосири иттилоотӣ дар ташкили контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд ба таври муфассалтар баррасӣ карда шаванд.

Ҳамаи тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, як қисми эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои контроллинг ва баҳисобирии идоракунӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия ва бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асос ёфтааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор мавқеи устувор дошта, имконияти муайян намудани арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмии номзади илм дар асоси анҷом додани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шудааст**: консепсияи муаллифии контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун низоми муташаккили идоракунии иттилоот, таҳлили стратегӣ ва назорати ҷорӣ, ки ба қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ мусоидат менамояд. Дар доираи ин консепсия контроллинг ҳамчун шароитсози ташаккули инфрасохтори низоми мукаммали назорати дохилӣ баррасӣ гардида, бартарии функсионалии он нисбат ба баҳисобгирии идоракунӣ асоснок карда шудааст.

**пешниҳод шудааст**, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми контроллинг фаъолият намояд, зеро ин равиш ба ҳамоҳангсозии равандҳои таҳлил ва идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонк мусоидат мекунад. Ҳамчунин, дар натиҷаи таҳқиқот як қатор пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳия гардидаанд:

а) модели схемавии амалии равандҳои муқаррарсозӣ, татбиқ, мониторинг ва натиҷагирии ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти ҳамгироии функсионалии контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ;

б) механизми ҳамгироии низоми контроллинг бо воҳидҳои сохтории бонк тавассути муайянсозии объектҳо ва нишондиҳандаҳои контроллинг дар асоси таҳлили самтҳои мушкилотдоштаи фаъолияти бонк;

в) такмили низоми нишондиҳандаҳои контроллингӣ (KPI) дар заминаи стратегияҳои рушди бонк (баланд бардоштани рақобатпазирӣ, даромаднокӣ ва истифодаи маҷмуии онҳо);

г) ҷорӣ намудани ҳисоботҳои махсуси идоракунӣ ва воситаҳои таҳлилӣ барои назорати иҷрои меъёрҳои ҳатмии БМТ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ ва комплаенсӣ.

**исбот шудааст:** а) контроллинг ҳамчун низоми ягонаи иттилоотию таҳлилӣ мавқеи калидӣ дошта, ҳамоҳангсозии равандҳои банақшагирӣ, назорат ва таҳлилро таъмин менамояд ва ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии бонк мусоидат мекунад;

б) татбиқи воситаҳо ва механизмҳои контроллинг имкон медиҳад, ки сатҳи хавфҳои молиявӣ коҳиш ёфта, назорати иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва ҷорӣ дар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ҳисоботҳои идоракунӣ таъмин карда шавад;

**ҷорӣ намудани** низоми мукаммали контроллинг ва ҳисоботҳои махсуси назоратӣ ба баланд гардидани самаранокии назорати дохилӣ, устувории молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар муҳити муосири бозорӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

• ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва рушди контроллинг мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, марҳилаҳои ташаккули он низомнок ва гурӯҳбандӣ гардидаанд, ки ба дарки амиқи моҳияти илмии он мусоидат мекунад;

• фарқгузории илмӣ миёни мафҳумҳои «контроллинг» ва «баҳисобгирии идоракунӣ» асоснок карда шуда, ҷойгоҳ ва робитаи функсионалии онҳо дар низоми идоракунии ташкилот муайян гардидааст;

• асосҳои назариявии татбиқи контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳия гардида, хусусиятҳои хоси он ҳамчун воситаи идоракунии муассисаҳои молиявӣ мушаххас карда шудаанд;

• консепсияҳои асосии контроллинг, аз ҷумла равишҳои идоракунӣ, иттилоотӣ ва баҳисобгирӣ аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва асоснок гардида, заминаи назариявии мукаммал барои рушди минбаъдаи соҳа фароҳам оварда шудааст;

• дар асоси таҳлили назарияҳои гуногуни олимон ва муҳаққиқони соҳа оид ба функсияҳои контроллинг равишҳои илмӣ муқоиса ва ҷамъбаст гардида, функсияҳои контроллинг ба ду гурӯҳи асосӣ тасниф шудаанд, ки барои дарки моҳият ва нақши он дар низоми идоракунӣ аҳаммияти муҳим дорад. Принсипҳои асосии контроллинг низ муайян ва илман асоснок карда шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок гардиданд:**

**тавсияҳои методӣ ва амалии** таҳиянамудаи муаллиф дар самти ташкили низоми контроллинг, аз ҷумла таҳияи ҳисоботҳои контроллингӣ ва ҳисоботҳои идоракунӣ метавонанд дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои такмили низоми идоракунии рушди устувор, баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо ва пешгирии хавфҳои гуногун (қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ ва комплаенсӣ), инчунин, таъмини риояи талабот ва дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

**баён шудааст,** ки дар низоми бонкии кишвар нишондиҳандаҳои калидии фаъолият (KPI) истифода мегардад. Нишондиҳандаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф ба ду гурӯҳ: молиявӣ ва ғайримолиявӣ тасниф гардида, камбудиҳои мавҷуда ошкор ва роҳҳои такмили он пешниҳод карда шудааст;

**ошкор гардидани** мушкилот ва монеаҳои асосӣ дар низоми нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ, норасоиҳо дар ташаккули ҳадафҳо ва рисолати бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин, камбудиҳои сохтори идоракунӣ бо пешниҳоди роҳҳоиислоҳи онҳо; афзалият ва маҳдудиятҳои усулҳои контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ ва нишон додани роҳҳои такмили методҳои контроллинг;

**аз нав такмил додани** механизми амалии ҷорӣ намудани воситаҳои контроллинг, аз ҷумла низоми нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI) ва мониторинги иҷрои ҳадафҳои стратегӣ пешниҳод гардидааст, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** механизми татбиқи низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ имкон фароҳам меорад, ки раванди қабули қарорҳои идоракунӣ такмил ёфта, ҳамоҳангсозии ҳадафҳои стратегӣ ва ҷории бонк таъмин карда шавад. Натиҷаҳои мазкур дар амалия барои ташаккули низоми ягонаи иттилоотӣ, баланд бардоштани шаффофият ва саривақтӣ будани маълумоти идоракунӣ истифода гардида, ба коҳиш додани хавфҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2021-2025) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии диссертатсия асоснок буда, дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз фанҳои “Идоракунии хатари бонкӣ”, “Назорати бонкӣ ва аудит” (санади татбиқ аз 26.11.2025, №1-2/722), ҶСК Бонки Эсхата дар ш. Бохтар (санади татбиқ аз 23.04.2025, №112/10), ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” (санади татбиқ аз 27.05.2025 №74/06) истифода бурда мешаванд.

**Муайян карда шуд**, ки контроллинг барои ба низом даровардани системаи ҳадафҳои ташкилот нигаронида шуда, иҷрои ҳадафҳои ташкилотро бо даврияти амалишавиашон дар ҷадвал инъикос намуда, иҷрои саривақтӣ ва дурусти онҳоро таъмин менамояд.

**Аниқ карда шуд, ки** ҷараёни муайянсозӣ ва расидан ба ҳадафҳо қисми калидии стратегияи фаъолияти ташкилот буда, аз чӣ гуна гузаронидани он,

мавқеи устувор ва рақобатпазирии ташкилот вобастагӣ дорад. Системаи нишондиҳандаҳои контроллингӣ яке аз воситаҳои асосии контроллинг дар ҷараёни идоракунӣ аз рӯйи ҳадафҳо буда, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: танзими ҷараёни расидан ба ҳадафҳои ташкилот, назорат ва таҳияи ҳисоботи идоракунӣ оид ба фаъолияти амалиётӣ, ошкорсозии мушкилиҳои ҷорӣ ва эҳтимолии ташкилот, идоракунии хавфҳои амалиётӣ, ба роҳбарият пешниҳод намудани ахбороти таҳлилшуда.

**Пешниҳод гардид**: ҳамгироии контроллинг бо баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои иттилоотӣ муттаҳид гардида, такроршавии вазифаҳо бартараф карда шавад. Ин натиҷа дар амал барои оптимизатсияи сохтори идоракунӣ, коҳиш додани хароҷоти маъмурӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилот истифода мегардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** асосҳои назариявии таҳқиқот дар заминаи омӯзиш ва таҳлили корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи контроллинг, идоракунии молиявӣ ва фаъолияти бонкӣ ташаккул ёфта, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳо ва дастурамалҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон, стратегияҳои рушди низоми бонкӣ, маводи илмӣ ва таҳқиқотии марбут ба масъалаҳои назорати дохилӣ, идоракунии хавфҳо ва таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар бар мегирад. Таҳқиқоти илмӣ ба самти корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мувофиқ аст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд:

**ғояи таҳқиқот** ба равиши системавӣ ва ҳамгироии фаъоли натиҷаҳои илмии бадастомада бо ҳуҷҷатҳои барномавию стратегӣ, ки рушди низоми бонкӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд, асос ёфтааст. Дар доираи таҳқиқот контроллинг ҳамчун механизми муосири идоракунӣ баррасӣ гардида, татбиқи он дар сохтори идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявӣ, коҳиш додани хавфҳо ва таъмини устувории рушди онҳо равона мегардад.

Идеяи мазкур ба мутобиқсозии воситаҳо ва усулҳои контроллинг ба талаботи муҳити танзимии миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин, равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт такя менамояд, ки татбиқи амалии онҳо барои такмили низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ заминаи устувор фароҳам меорад;

**муайян карда шуд**, ки ташкили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси равиши системавӣ ба ҳамгироии банақшагирӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлил ва назорат мусоидат намуда, имконияти баланд бардоштани самаранокии идоракунии молиявӣ ва устувории фаъолияти

бонкҳоро фароҳам меорад; дар раванди таҳқиқот нақши контроллинг ҳамчун воситаи калидии дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ ва коҳиш додани хавфҳои молиявӣ асоснок гардида, зарурати ҷорӣ намудани он дар шароити муосири рушди низоми бонкӣ исбот шудааст;

**дар таҳқиқот** осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нашрияҳои муосири илмӣ, манбаъҳои оморӣ ва таҳлилӣ, инчунин, маводи интернетӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ ва баҳисобгирӣ истифода гардидаанд; аз ҷумла корҳои илмӣ дар соҳаи контроллинг, идоракунии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин гуногунҷанбавӣ ва боэътимодии манбаъҳои истифодашударо таъмин менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки ӯ** асосҳои назариявию методологӣ ва амалии ташкили низоми контроллингро дар бонкҳои тиҷоратӣ пурра ва асоснок намуда, дар заминаи таҳлили системавии эволютсияи равишҳои идоракунӣ, контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ консепсияи муаллифии ташкили контроллингро пешниҳод кардааст, инчунин, тавсияҳо оид ба такмили таъминоти иттилоотӣ ва методии равандҳои контроллингро коркард намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сатҳи татбиқи амалӣ расонида шудаанд, зеро як қатор муқаррароти илмии кор, аз ҷумла тавсияҳо оид ба ташкили ҳисоботҳои контроллингӣ, такмили нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI), ҷорӣ намудани ҳисоботҳои идоракунӣ ва механизмҳои мониторинги хавфҳо метавонанд дар фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратӣ истифода гарданд, ки ин ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва устувории молиявии онҳо мусоидат мекунад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 4 апрели соли 2026 қарори сазовор донистани Барнои Файзи Тағоймуродзода ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз ҷумла доктtorони илм аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, аз шумораи умумии аъзоёни шуро, овоз доданд: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Иброҳимзода И.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**

4 апрели соли 2026